# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-О19 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Аминзода Зокирҷон Тоҳир дар мавзуи «Таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо ва аз рӯи маҷмӯи ҳукмҳо: масоили назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)**

1. Таҳқиқоти диссертатсионии Аминзода Зокирҷон Тоҳир ба самтҳои назариявӣ ва амалии таъини ҷазо барои маҷмуи ҷиноятҳо ва аз руи маҷмуи ҳукмҳо бахшида шудааст.

Дар давраи муосири инкишофи ҷомеа, ҷазо ҳамчун воситаи ниҳоӣ ва муҳими мубориза бо ҷинояткорӣ боқӣ мемонад. Бинобар он, таъини ҷазо танзими ҳуқуқии мукаммал ва аз назари илмӣ асоснокро талаб месозад, то ки ба шахси гунаҳгор ҷазои сазовор дода шуда, дар як вақт талаботи принсипи адолат риоя гардад ва ҷазо дар ҳадде таъин гардад, ки барои ноил шудан ба мақсади худ зарур ва кофӣ бошад. Маҳз дар ҳамин моҳият яке аз самтҳои асосии сиёсати ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода мегардад.

Дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон институти таъини ҷазо то ҳадди муайян коркард ва мустаҳкам карда шудааст. Вале масоили таъини ҷазо аз руи маҷмуи ҷиноятҳо ва маҷмуи ҳукмҳо то ҳануз мураккаб боқӣ мемонад, ки ин аз ҷой доштани иштибоҳоти судӣ ҳангоми татбиқи моддаҳои 67 ва 68 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳодат медиҳад. Маҷмуи ҷиноятҳо ва маҷмуи ҳукмҳо, таъини ҷазои сазоворро ба шахси дар чунин ҳолат ҷиноят содирнамуда ва коркарди механизми нисбатан мукамали таъини ҷазоро талаб месозанд.

Масоили таъини ҷазо аз руи маҷмуи ҷиноятҳо ва маҷмуи ҳукмҳо ҳама вақт дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ таваҷҷуҳи олимони зиёдро ба худ ҷалб сохтааст. Аммо дараҷаи омузишу таҳлили он то ҳануз нокофӣ боқӣ мемонад. Масалан, то ҳол дар мавриди ҷудо намудани вақте, ки пас аз он содир намудани ҷинояти нав боиси таъини ҷазо аз руи маҷмуи ҳукмҳо мегардад, лаҳзаи баровардани ҳукм ё эътиборӣ қонунӣ пайдо намудани он, андешаҳои ягона ҷой надоранд. Дар қонун тартиби қисман зам намудани ҷазо муайян нашудааст, ки ин ба судҳо имкон медиҳад, қисми ҷазоҳои таъиншударо аз диди худ зам намоянд ва як қисми ҷазои барои ҷиноятҳои алоҳидаи ба маҷмуъ дохилшавандаро умуман ба эътибор нагиранд, ки ин ба воқеан беасос озод гардидан аз қисми ҷазои таъиншуда оварда мерасонад. Дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби таъини ҷазо аз руи маҷмуи ҷиноятҳо аз руи тартиби қисми 6 моддаи 67 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми ҷой доштани шартан татбиқ накардани ҷазо аз руи парвандаи аввал муайян нашудааст.

Дар баъзе мавридҳо судҳо ҳангоми таъини ҷазо барои содир намудани якчанд ҷиноятҳо аз рӯи моддаҳои мухталиф ба ҷои он ки ҷазоро дар асоси қисми 3 моддаи 67 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои маҷмӯи

ҷиноятҳо таъин намоянд, саҳван онро мутобиқи моддаи 68 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз рӯи маҷмӯи ҳукмҳо таъин менамоянд.

Инчунин дар вақти ба ҳисоб гирифтани қисми адонашудаи ҷазо бо ҳукми пештара ба хатогиҳо роҳ дода мешавад. Ҳолатҳое ҷой доранд, ки қисми адонагардидаи ҷазо аз руи ҳукми пештара ба ҷазои ҳукми охирин қабулгардида қисман ё пурра зам карда намешавад.

Таҳлили хатогиҳои судӣ нишон медиҳад, ки онҳо на ҳама вақт оқибати бепарвоӣ ё надонистани қонун аз ҷониби судяҳо мебошад. Баъзан сабаби хатогӣ худи номуккамалӣ ва номувофиқии матни қонун ба ҳисоб меравад, ки маънидодкунии онро мушкил мегардонад.

Масалан, ҳангоми таъини ҷазо аз руи маҷмуи ҷиноятҳо дар бисёр мавридҳо норавшан аст, ки суд ин ё он роҳи таъин намудани ҷазои ниҳоиро интихоб намуда, бояд кадом муқаррароҷро ҳамчун сарчашма ба асос гирад. Чунин ҳолат барои судҳо ҳангоми амалӣ намудани адолати судӣ мушкилиро ба вуҷуд оварда, дар як вақт одилона будани ҷазои таъиншударо барои маҳкумшуда дар назди ҷомеа зери шубҳа қарор медиҳад, чунки баъзан ҷазои аз руи маҷмуъ таъиншуда бо андоза ё муҳлати худ аз ҷазои барои ҷинояти тоқа-тоқа таъиншуда, чандон фарқ наменамояд.

Гуфтаҳои зикршуда зарурати омузиш ва таҳлили минбаъдаи масоили таъини ҷазо барои маҷмуи ҷиноятҳо ва аз руи маҷмуи ҳукмҳо, коркарди таклифу пешниҳодҳои асоснокро доир ба муккамалсозии қонунгузории ҷиноятии амалкунанда ва амалияи татбиқи онро дар ин самт тақозо менамояд.

2. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мувофиқат мекунад. Диссертатсия таҳқиқоти илмии анҷомёфта буда, аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад. Натиҷа, нуқтаҳои навгонӣ ва илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда метавонанд дар назария, такмили қонунгузорӣ, бартараф намудани мушкилоти таҷрибаи судӣ дар ин самт ва раванди таълим ба таври фаррох истифода шаванд, ки онҳо саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд. Бинобар ин, қайд намудан мумкин аст, ки диссертатсия ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад.

3. Диссертант зимни омӯзиши мавзуъ 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои таҳризшавандаи Комиссияи олии аттетстаисонии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр намудааст, ки мазмуну муҳтавои таҳқиқотро инъикос мекунанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

4. Автореферати диссертатсия (гунаи тоҷикӣ ва русӣ) фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошад. Дар диссертатсияи Иброҳимзода Муборак Иброҳим истифодаи мавод бидуни ишора ба муллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои

илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва рӯйхати адабиёт ташкил ёфта, дар асоси талаботи «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва дигар маводи илмӣ (фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионӣ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2024, №493)» таҳия гардидааст.

Дар қисмати муқаддимаи диссертатсия муаллиф мубрамии мавзуъро асоснок карда, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, асосҳои назариявии таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсияро таҳлил ва баррасӣ намудааст.

Диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

5. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо таҳлилҳо, озмоишҳо, дурустии маълумотҳо, ҳаҷми кофии маводи диссертатсия ва мақолаҳо собит карда шудааст. Хулосаву тавсияҳо ба таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявӣ ва амалӣ асос ёфтаанд.

6. Вобаста ба ин, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Аминзода Зокирҷон Тоҳир дар мавзуи «Таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо ва аз рӯи маҷмӯи ҳукмҳо: масоили назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Аминзода Зокирҷон Тоҳир дар мавзуи «Таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо ва аз рӯи маҷмӯи ҳукмҳо: масоили назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар асоси банди 60-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Аминзода Зокирҷон Тоҳир дар мавзуи «Таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо ва аз рӯи маҷмӯи ҳукмҳо: масоили назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои

ҷазои ҷиноятӣ дар Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019 назди Донишгоҳи милли Тоҷикистон бо тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя кабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мувофиқ мекунад, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

– **Бобоҷонзода Исрофил Ҳусейн** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовадинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

– **Абдуллоев Нозим Саъдулоевич** - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Тоҷикистон ва Россия.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар Муассисаи таълимии таҳсилоти олии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ш. Душанбе).

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ — Азиззода У.А.

**Аъзоёни комиссияи экспертӣ:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти
кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назоратӣ прокурорӣ
факултети ҳуқуқшиносии ДМТ — Ҷалолов Х.Ғ.

номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
муаллими калони кафедраи криминалистика
ва фаъолияти экспертизаи судии факултети
ҳуқуқшиносии ДМТ — Давлатов Б.С

Имзоҳои Азиззода У.А., Ҷалолов Х.Ғ. ва Давлатов Б.С.-ро
ТАСДИҚ МЕКУНАМ:
Сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ — **Шодихонзода Э.Ш.**

«30» 08 **2025 с.**